*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-100-и назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.*
*Суроға: 734065, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Борбад 48/5.*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҳакимов Каримҷон Савзаалиевич дар мавзуи “Ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) -доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050601 - Назарияи иқтисодӣ) пешниҳод гардидааст.**

Дар шароити муосири рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки раванди гузариш аз ҷомеаи саноатӣ ба иқтисодиёти донишбунёд босуръат идома дорад, омили асосии рушди иқтисодиёти аксари мамлакатҳои пешрафта дониш, инноватсия ва сармояи инсонӣ ба шумор меравад. Дар ин асос, иқтисодиёти донишбунёд ба муҳаррики асосии рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ табдил ёфта, дараҷаи рақобатпазирии мамлакатҳоро дар арсаи байналмилалӣ муайян менамояд. Дар автореферат низ таъкид гардидааст, ки дониш, инноватсия ва сармояи инсонӣ ҳамчун омилҳои асосии рушди иқтисодиёти кишварҳои пешрафта баромад намуда, иқтисодиёти донишбунёд ба муҳаррики асосии пешрафти иҷтимоию иқтисодӣ мубаддал мегардад. Дар чунин шароит, рушди соҳаи маориф, илм, технология ва татбиқи дастовардҳои инноватсионӣ аҳаммияти хоса касб мекунад.

Дар автореферат мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот ба таври мушаххас муайян гардидаанд. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки асосҳои назариявӣ-методологӣ ва методии ташаккул ва рушди иқтисодиёти донишбунёдро дар шароити саноатикунонии босуръат таҳлил намуда, механизми ташкилӣ-иқтисодии гузариш ба иқтисодиёти донишбунёдро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард намояд. Ҳамзамон, вазифаҳои таҳқиқот фарогири омӯзиши масъалаҳои назариявӣ, муайян намудани принсипҳо ва нишондиҳандаҳои андозагирӣ, таҳлили таҷрибаи хориҷӣ, арзёбии вазъи муосир, моделсозии таъсири иқтисодиёти донишбунёд ба рушди иқтисодӣ ва таҳияи тавсияҳои илмию амалӣ мебошанд (саҳ. 7–8).

Қисмати назариявии таҳқиқот аз ҷиҳати илмӣ муҳим буда, дар он мафҳум, моҳият, хусусиятҳо ва унсурҳои таркибии иқтисодиёти донишбунёд мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Муаллиф дар ин қисмат андешаҳои олимони классик, муҳаққиқони хориҷӣ, рус ва тоҷикро вобаста ба нақши дониш, сармояи инсонӣ, инноватсия ва иқтисодиёти ба дониш асосёфта ҷамъбаст намуда, равишҳои гуногуни назариявиро муқоиса кардааст. Дар автореферат қайд мешавад, ки дар боби якум асосҳои назариявии шарҳи мафҳуми иқтисодиёти донишбунёд дар шароити рушди ҷамъияти саноатикунонии босуръат, аз ҷумла нақши дониш, сармояи инсонӣ, технологияҳои инноватсионӣ ва рақамикунонии иқтисодиёт мавриди таҳлил қарор гирифтаанд (саҳ. 11).

Муаллиф зимни таҳқиқот дуруст таъкид менамояд, ки дар баробари афзоиши аҳаммияти дониш истилоҳоти нави иқтисодӣ, аз ҷумла «иқтисоди шабакавӣ» ва «иқтисоди рақамӣ» пайдо шудаанд. Аммо мафҳуми муҳимтарине, ки тамоюли болоравии аҳаммияти донишро барои самаранокии низоми иҷтимоию иқтисодӣ тавсиф мекунад, «иқтисоди ба дониш асосёфта» мебошад, ки дар он дониш ва иттилоот ҳамчун омили истеҳсолот баромад менамоянд (саҳ. 12).

Дар автореферат навгонии илмии таҳқиқот низ ба таври муайян инъикос ёфтааст. Муаллиф асосҳои назариявии шарҳи мафҳуми иқтисодиёти донишбунёдро дар шароити саноатикунонии босуръат таҳқиқ намуда, хусусиятҳои умумӣ ва таърифҳои нави мафҳумҳои «иқтисодиёти иттилоотӣ» ва «иқтисодиёти ба дониш асосёфта»-ро пешниҳод кардааст. Инчунин, афкори олимон нисбат ба шарҳи мафҳуми иқтисодиёти донишбунёд низомбандӣ гардида, равишҳои макроиқтисодӣ ва микроиқтисодии тавзеҳи он ҷудо карда шудаанд (саҳ. 8–9).

Дар доираи таҳқиқот вазъи муосир ва заминаҳои ташаккулёбии иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардидаанд. Муаллиф ба нишондиҳандаҳои рушди илм, маориф, хизматрасонӣ, шуғл, хароҷоти буҷетӣ ба соҳаҳои илм ва маориф, инчунин истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ таваҷҷуҳ намудааст.

Истифодаи маълумоти оморӣ ва ҷадвалҳои таҳлилӣ ба баланд гардидани сатҳи асоснокии хулосаҳои илмии муаллиф мусоидат кардааст. Аз ҷумла, муаллиф ҳиссаи маорифро дар сохтори умумии истеҳсоли хизматрасониҳо таҳлил намуда, нишон медиҳад, ки соҳаи маориф ҳамчун унсури муҳимми иқтисодиёти донишбунёд дар солҳои охир мавқеи худро тақвият додааст. Дар автореферат оварда шудааст, ки аз ҳаҷми умумии истеҳсоли хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 7080 млн сомонӣ ё 14,78 фоиз ба хизматрасониҳо дар соҳаи маориф рост меояд (саҳ. 16).

Муаллиф хеле хуб таъкид кардааст, ки дар баробари зиёд гардидани ҳиссаи бахши хизматрасонӣ дар сохтори маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ солҳои охир ҳиссаи ин бахш дар шуғл низ боло рафта истодааст. Дар соли 2024 дар бахши хизматрасонӣ 705,5 ҳазор нафар машғули кор буда, ҳиссаи бахши хизматрасонӣ дар таъминоти шуғл дар мамлакат 27,7 фоизро ташкил додааст, ки аз саноат ва сохтмон зиёд мебошад (саҳ. 17).

Дар боби сеюми таҳқиқот самтҳои асосии ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудаанд. Муаллиф таъкид менамояд, ки ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз вазифаҳои стратегии муҳим дар шароити вусъатёбии раванди рақамикунонии иқтисодиёт ба шумор меравад.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки тавсияҳо ва пешниҳодҳои муаллиф метавонанд ҳангоми таҳияи стратегияҳо, барномаҳо ва лоиҳаҳои рушди иқтисодиёти донишбунёд, иқтисодиёти рақамӣ, иқтисодиёти инноватсионӣ ва саноатикунонии босуръат истифода шаванд.

Дар автореферат низ таъкид шудааст, ки натиҷаҳои асосии илмӣ метавонанд аз ҷониби мақомоти салоҳиятноки давлатӣ ҳангоми таҳияи самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодиёти мамлакат, вусъати раванди саноатикунонӣ, ташаккули ҷомеаи рақамӣ ва иқтисодиёти инноватсионӣ истифода гарданд (саҳ. 9).

Автореферати диссертатсияи мазкур дар сатҳи зарурии илмӣ таҳия гардида, дар он пайдарҳамии пешниҳоди мавод, мустақилияти муаллиф дар тавзеҳи ҷанбаҳои назариявию методологӣ ва ташкилию амалии рушди иқтисодиёти донишбунёд эҳсос карда мешавад. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифодаи равишҳои илмӣ, маълумоти оморӣ, таҳлили нишондиҳандаҳо, интишорот ва тасвиби натиҷаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ таъмин гардидааст.

Новобаста ба паҳлуҳои мусбат, дар автореферати тақризшаванда баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд:

1. Муаллиф таҷрибаи хориҷии ташаккул ва рушди иқтисодиёти донишбунёдро мавриди баррасӣ қарор додааст, вале таҳлили муқоисавии он бо шароити институтсионалӣ ва иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонист васеътар пешниҳод гардад;
2. Баъзе тавсияҳои пешниҳодшуда хусусияти умумӣ дошта, ҷиҳатҳои алоҳидаи татбиқи амалии онҳо метавонанд дар таҳқиқоти минбаъда муфассалтар тавзеҳ дода шаванд.

Қобили қайд аст, ки камбудиҳои пешниҳодгардида хусусияти ҷузъӣ дошта, мазмун ва арзиши воқеии таҳқиқоти диссертатсиониро коҳиш намедиҳанд.

Хулоса, таҳқиқоти диссертатсионии Ҳакимов Каримҷон Савзаалиевич дар мавзуи «Ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон» "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ба пуррагӣ ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) -доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050601 - Назарияи иқтисодӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**Номзади илмҳои иктисодӣ, и.в. дотсент**
**мудири кафедраи молия ва фаъолияти**
**бонкии Донишгоҳи давлатии Данғара** **Сабриддини С.**

*Имзои Сабриддини С. - ро тасдиқ мекунам:*
*Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси*
*Донишгоҳи давлатии Данғара* *Тоирзода С.Т.*

ШУЪБАИ КАДРҲО

*Суроға: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳраки Данғара, кӯчаи Марказӣ 25 Тел: (+992) 937088877, E-mail: Sabriddin@bk.ru*

*"01" 07 2026с*